Таваҷҷуҳ! Озмун: “Забон – пояи миллат”

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 13 Август, 2019 - 15:51 Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 10 – солагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти унвони “Забон – пояи миллат” озмун эълон мекунад.

Онҳое, ки мехоҳанд дар озмун ширкат варзанд, мақолаҳои худро дар ҳаҷми то 15 саҳифа бо ҳуруфи Times New Roman TJ ва шеърҳои тозаэҷоди худро ба нишонии: кӯчаи Беҳзод 25 ва ё ба почтаи электронии ganjizabon@bk.ru [1] ирсол намоянд.
Ғолибони озмун, ки ҷойҳои намоёнро ишғол менамоянд, бо туҳфаҳои хотиравӣ мукофотонида мешаванд.
Муҳлати қабули мақолаҳо аз 1-уми август то 30-уми сентябри соли 2019.

Озмун дар моҳи октябр дар арафаи 10-солагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҷамъбаст мегардад.

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]
- Эълонҳо [3]

Манбаъ::http://kumitaizabon.tj/tg/content/tavachchukh-ozmun-zabon-poyai-millat?calendar_block_month=10&calendar_block_year=2019

Пайвандҳо
[1] mailto:ganjizabon@bk.ru [2] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D1%8D%D1%8A%D0%BB%D0%BE%D0%BD%D2%B3%D0%BE